«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи
Рӯдакӣ, д.и.х., профессор
__________ Раҳмон Д.С
«_06_» ___03___ соли 2023

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ пешниҳод шудааст.

Дар диссертатсия мавзуе мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки ба рушди забоншиносӣ, хосатан ба бахши истилоҳшиносии он, ғанигардонии таркиби луғавии забони тоҷикӣ таъсири мусбат расонида метавонад. Таҳқиқи мазкур, дар баробари он ки таркиби луғавии забони тоҷикиро ғанӣ мегардонад, ҳамчунин, заминаи мусоидро барои шинохти истилоҳ ва истилоҳофаринӣ ва масъалаҳои дигари забоншиносӣ фароҳам оварда метавонад.

Дар давоми даҳ соли охир бахшида ба омӯзиши хусусиятҳои фаъолияти забони шабака, роҳҳои ташаккули системаҳои шабака ва муаррифии маҷозии (виртуалӣ) он, инчунин, рафти умумии равандҳои нутқ дар интернет бисёр шабакаҳо пайдо шуданд. Ба ҳамагон маълум аст, ки мубодилаи афкор ва интиқоли маълумот дар раванди истифодабарии интернет тавассути матнҳо сурат мегирад. Дар матнҳои мазкур истилоҳоти махсуси калидиеро метавон вохӯрд, ки ба хонандаи одӣ нофаҳмо мебошад. Бо рушду такоммули шабакаҳои интернетӣ истилоҳот низ дар равнақ мебошад ва масъалаи омӯзиши ин гуна истилоҳот мушкилоту муаммоҳои ҷудогонаро ба вуҷуд меорад. Рисолаи номзадии Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ) маҳз барои равшанӣ андохтан ба омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳоти интернетӣ дар муқоисаи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ ихтисос дода шудааст.

Навгонии диссертатсия, пеш аз ҳама дар он зоҳир мешавад, ки бори аввал истилоҳоти интернетӣ ба категорияҳои касбиву соҳавӣ ва мавзуиву маъноӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ тасниф карда шудаанд. Инчунин ба гурӯҳҳо тақсим намудани истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати сохтор ва бо

роҳҳои гуногун таҳлил ва муқоиса кардани онҳо дар ду забон, яъне англисӣ ва тоҷикӣ навгонии таҳқиқотро нишон медиҳад.

Диссертант моҳияти масъалаи таҳқиқро дуруст дарку фаҳм намуда, ба андозаи тавон таҳлил намуда, бо назардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ маводи баррасишавандаро дар шакли муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёту манобеъ ба шакл даровардааст.

Дар муқаддима тибқи муқаррарот, мубрамии мавзуи таҳқиқ, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқ бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, асосҳои назариявӣ ва асосҳои методологии таҳқиқ, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ, моҳияти амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ, мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия муайян ва татбиқи кор тавсиф шудааст.

Диссертант мавзуи таҳқиқро бо низоми муайяни илмӣ ба тартиб (нақша) даровардааст, ки барои зина ба зина ҳал гардидани вазифаҳои ба миён гузошташуда ва дар маҷмуъ ҳосил шудани тарҳи комили пажуҳиш мусоидат намуда метавонад. Бобу фаслҳои кор паҳлуҳои гуногуни мавзуъро фаро гирифта, дар алоқамандии мантиқӣ ба ҳамдигар қарор доранд.

Боби якӯми диссертатсия «Истилоҳоти интернетӣ ҳамчун система дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» буда, аз чор фасл иборат мебошад, ки фасли аввал масоили назарии таҳқиқ ва лексикаи соҳавиро дар забоншиносии муосир дар ба мегирад.

Фасли дуюми боби аввали диссертатсия бо номи “Интернет: таърих ва ташаккули низоми истилоҳоти он” масъалаҳои пайдоиш ва рушди истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ таҳлилу таҳқиқ шудаанд.

Зимнан мебояд ёдовар шуд, ки забони илм ва истилоҳоти илмӣ, махсусан истилоҳоти интернетӣ сурати воқеиву аслии дараҷаи пешрафти илм ва намоёнгари сатҳи тафаккури аҳли ҷомеа дар фосилаи муайяни таърихӣ мебошад. Илова бар ин, маҷмуи истилоҳоти интернетӣ барои дарёфти донишҳои нави умумибашарӣ замина муҳайё мегардонад, забон ва тафаккурро ба пазироии мафҳумҳои муҷарради илмӣ омода месозад, рушди онро ба сатҳи баландтар мебардорад.

Фасли сеюми боби аввали диссертатсия таҳти унвони “Заминаҳои

назарии истилоҳоти интернетӣ" таснифоти лексикаи интернетӣ ба риштаи таҳқиқ кашида шуда, интернет-лексемаҳоро.ба гуруҳҳо ҷудо намуда таҳлил ва баррасӣ намудааст.

Фасли чоруми боби мазкур ба таҳлили "Таснифоти мавзуии истилоҳоти интернетӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ" бахшида шудааст. Дар ин фасл истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати мавзу тақсимбанди шудаанд. Муҳаққиқ истилоҳоти интернетиро ба 8 гуруҳ тақсим намудааст.

Дар боби дуюми диссертатсия "Вижагиҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ" мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Боби зерин дар се фасли ҷудогона масъалаҳои мубрами марбут ба вижагиҳои сохтории истилоҳоти интернетиро фаро мегирад.

Фасли якуми боби дуюми рисола "Роҳҳои ташаккулёбии истилоҳоти интернетӣ" унвон дошта, роҳҳои ташакулёбии истилоҳоти интернетиро ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудааст, ба монанди истилоҳоти якреша ё сода, сохта, мураккаб, таркибӣ ва ихтисора.

Бо пайдоиши интернет, рушди воситаҳои нави алоқа ва муоширaт, инчунин, афзоиши истилоҳоти интернетӣ зиёд гардид. Интернет ба ҳаёти имрӯзаи мо пурра ворид гардида, аз ҷумла таъсири бузурге ба забон расонидааст, ки мисли ҳама гуна системаҳои рушдкунанда ба шароити нав зуд мутобиқ мебошад. Пеш аз ҳама, тағйиротҳо дар воҳидҳои луғавии забон дида мешаванд.

Фасли дуюми боби дуюми диссертатсия "Хусусиятҳои сохтории истилоҳоти интернетӣ" номгузори шуда, масъалаи марбут ба сохташавии истилоҳоти интернетӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст.

Дар зерфаслҳои ҷудогонаи боби дуюм истилоҳоти интернетӣ аз ҷиҳати сохт яъне сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ таҳқиқ шудааст.

Дар фасли сеюми боби дуюм "Ихтисораҳои истилоҳоти интернетӣ" мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Имрӯзҳо дар ҳама бахшҳои илм, техника, иқтисод, дипломатия ва хусусан дар истилоҳоти интернетӣ, ҳам дар забони англисӣ ва ҳам дар забони тоҷикӣ, миқдори зиёди ихтисораҳои гуногуншакл ба чашм мерасанд.

Дар қисмати боби сеюми рисола таҳқиқ марбут ба "Хусусияти маъноии истилоҳоти интернетӣ" ба роҳ монда шудааст. Истилоҳотро шаклан аз калимаҳои умумии забон фарқ кардан ғайримкон аст, зеро истилоҳот низ мисли калимаҳои одӣ метавонанд дорои шаклан сода, сохта, мураккаб ва таркибӣ бошанд, вале мазмунан истилоҳотро аз рӯи маъно ва истифодабарӣ метавон аз калимаҳои умумиистифода ба куллӣ фарқ намуд.

Дар фасли якуми боби сеюми рисола таҳқиқ марбут ба сермаъношавии истилоҳоти интернетӣ сурат гирифтааст. Аз таҳқиқи мазкур муайян шудааст, ки таркиби мазмуни истилоҳоти сермаъно дар ҳама ҳолат аз шумораи воҳидҳои луғавӣ-маъноии худ вобастагӣ дорад. Аз рӯи хусусияти сермаъноӣ доштан, истилоҳот нисбат ба калимаҳои умумӣ вариантнокии мазмунашон камшумор мебошанд. Агар калимаи умумӣ то даҳ мазмунро ифода намояд, истилоҳ то ду ё се маъноро метавонад пешниҳод кунад, ки боз дар як соҳаи муайян мазмунҳои ифодашуда ба ҳам алоқаманд мебошанд.

Фасли дуюми боби сеюм таҳқиқи “Хусусиятҳои синонимии истилоҳоти интернетӣ”-ро фаро гирифтааст. Синонимҳо дар истилоҳшиносӣ бо роҳҳои лингвистӣ ва экстралингвистӣ ба вуҷуд меоянд. Истилоҳоти интернетии забони англисӣ бо синонимҳои мутлақ, нисбӣ, услубӣ-экспресивӣ ва маъноӣ-услубӣ ба назар мерасанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар забонҳои мавриди таҳқиқ синонимҳои истилоҳоти интернетӣ бо роҳи иқтибосшавӣ, ихтисоршавӣ ва бо роҳи мазмуни нав гирифтани калимаҳои кӯҳна ба миён меоянд.

Фасли сеюми боби сеюм “Омонимия дар истилоҳоти интернетӣ” номгузорӣ шудааст. Омонимия дар истилоҳот хеле маҳдуд мебошад. Илова ба ин ки падидаи мазкур дар истилоҳоти интернетӣ аз омонимияи воҳидҳои луғавӣ ба куллӣ фарқ мекунад. Омонимҳои воҳидҳои луғавӣ метавонанд дар тамоми соҳаҳо бо мазмунҳои гуногун истифода гарданд, вале дар истилоҳот бошад, омонимия танҳо дар доираи системаи истилоҳот давр мезанад. Омонимҳо танҳо дар терминосистемаи худ маъноҳои гуногунро ифода мекунанд.

Дар фасли чоруми боби сеюм “Хусусиятҳои антонимии истилоҳоти интернетӣ” таҳлил ва баррасӣ шудаанд. Аз таснифоти антонимҳои истилоҳоти интернетӣ равшан гардидааст, ки антонимҳо аз рӯи маъно ба дохиликалимавӣ, байникалимавӣ, ки дар зери худ боз гурӯҳҳои контрарӣ, комплементарӣ ва матниро доранд, тақсим мешаванд. Аз ҷиҳати сохтор бошад, антонимҳо якреша ва гуногунреша мебошанд.

Дар фасли охирони боби сеюм “Хусусиятҳои маҷозии истилоҳоти интернетӣ” мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Маҷоз метавонад аз рӯи шакли зоҳирӣ, вазифа ва маъно, инчунин мазмуни абстрактӣ ва ассотсиатсияи психологӣ ба миёнояд. Ин ҳама ҷузъиёт ва хусусиятҳои маъноии истилоҳоти интернетӣ дар натиҷаи тағйир ва табодулоти маъноӣ ба вуҷуд меоянд.

Муаллиф ба таҳқиқи мавзуъ бо низоми муайяни илмӣ ва таҷрибавӣ

муносибат намуда, ҷанбаҳои назариявӣ, омилҳои пайдоишу ташаккули мавзуи мазкурро то андозае илман муайян кардааст.

Таҳқиқоти мазкур аз арзиши илмиву амалӣ холӣ набуда, он дар забоншиносии тоҷик аввалин пажӯҳиши диссертатсионие мебошад, ки ба таҳқиқи масъалаҳои ташаккул ва рушди мавзуи мазкур аз нигоҳи таърихӣ ва тасвирӣ бахшида шудааст.

Бо вуҷуди ин, дар диссертатсия баъзе камбудиҳои имлой-техникӣ, калимасозӣ-грамматикӣ, услубӣ-наҳвӣ ва робитавӣ-мавзуӣ ба назар мерасад, ки зикри он ва ба назар гирифтани он дар тақвияти маҳорат ва такмили равишҳои илмии кор бо мавод ва таҳлилу натиҷагириҳои диссертант айни муддао хоҳад буд.

Баъзе аз норасоиҳои имлой-техникӣ ва аломатҳои китобати матни диссертатсия аз ин қарор мебошанд;

1. Сарчашмаҳои таҳқик ба тафсилоти бештар зарурат дорад.
2. Диссертант ҳангоми таҳлили мисолҳо паҳлуҳои гуногуни забониву лингвокултурологии вожаҳоро баъзан истисно намудааст.
3. Баъзан адабиёти рисола ба дохили кор мувофиқат намекунанд.
4. Дар баъзе ҷойҳои рисола мавқеи истифодабарии аломатҳои пунктуатсионӣ: "тире " ва "дефис" риоя карда нашудааст (саҳ. 25, 26,34,73, 76).
5. Дар диссертатсия истилоҳотӣ интернетӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст аммо таҳлили истилоҳоти технологияи информатсионӣ кам ба назар мерасад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нуқсонҳои зикршуда ҷузъӣ ба шумор рафта, ҳусни умумиилмии корро паст намекунанд ва диссертатсияи Шайдуллои Ҳоҷӣ дар мавзуи «Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти интернетӣ» (дар асоси маводҳои забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ), таҳқиқоти комил ва анҷомёфта маҳсуб меёбад. Диссертатсия аз рӯйи шакл, муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳамияти назариявию амалӣ ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби доданп дараҷа ва унвонҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукуматп Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 - Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ сазовор мебошад.

Такриз аз ҷониби номзади илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ Муродов Бахриддин Раҳмонович омода гардидааст.

Такриз дар ҷаласаи ғайринавбатии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ аз 02.09.2023. №1 муҳокима ва тасдиқ карда шудааст.

Иштирок доштанд: 18 нафар.

Натиҷаи овоздиҳӣ: тарафдор - 18, зид-0, бетараф-0.

**Раиси ҷаласа,** мудири кафедраи
забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ,
н.и.ф., муаллими калон: Муродов Б.Р.

Ташхисгар, н.и.ф., Гуламадшоев Ш.Ш.

Котиби ҷаласа, н.и.ф.: Гулямов Ҳ.

Имзоҳои н.и.ф., Муродов Б.Р,
н.и.ф., Гуламадшоев Ш.Ш.. ва
н.и.ф., Гулямов Ҳ.-ро
тасдиқ мекунам:

Сардори РК КМ ДДК ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ: Амиров Ф

Маълумот дар бораи иртибот:
735360, ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафров – 16,
Донишгоҳи давлатии Кӯлоб
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
Тел: (833-22) 2-35-06, (833-22) 2-36-26
Факс: (33-22) 2-35-06, www.kgu.tj

«_5_» сентябри 2023